Муаллиф: Administrator
11.07.2021 00:53 -

Субхи 10-уми июли соли 2021 дар минтакаи Рашт заминларза ба вукӯъ омад. Аз он сокинони дехахои Бустон, Кули Калон ва Саричашмаи чамоати дехоти Лангари Шохи н.Точикобод, дехахои чамоатхои дехоти Хичборак ва Аскалони н.Рашт зарари молию чонӣ диданд.

Дар натича манзилхои истикоматии дехахои Кули Калон, Саричашма ва Бустони ч/д Лангари Шох, зарар дида, баъзеашон дар холати садамавӣ карор гирифтанд.

Дар ин рӯзи сахт, барои дастгирии ахолӣ ва расонидани кумаки хамачониба ба зарадидагони офати табиӣ, ба минтакаи Раштонзамин Раиси МН МО ЧТ Зокирзода Махмадтоир, директори агентии захирахои моли назди Хукумати ЧТ Ахмадзода Н., раиси Кумитаи холатхои фавкулода ва мудофиаи граждании ЧТ Назарзода Р. ва намояндагони макомоти хифзи хукук ташриф оварда, бо ахолӣ вохурихо намуданд.

Хукумати Чумхурии Точикистон дар ин рӯзи сахт, ки ба сари мардуми Раштонзамин афтодааст, бо тамоми саъю кӯшиш бахри дастгирии мардум кор бурда истодааст. Манзилхои валангоргаштаи минтакахои осебдида пурра аз тарафи Хукумати Чумхурии Точикистон баркарор карда мешаванд. Мардуми чабрдида бояд рӯхафтода нашаванд, чунки кулли мардуми Точикистон дар фикри сокинони осебдида буда, бо боварӣ гуфта метавонем, ки кӯмаки моддию маънавии худро мерасонанд.

Муаллими МТМУ №1-и н. Рашт

А. Рахматуллоев